Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна, дар мавзӯи “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Тавре маълум аст дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди дилхоҳ кишвар такияи асосӣ ба захираҳои меҳнатӣ гузотша мешавад. Маҳз захираи меҳнатӣ дар меҳвари асосии фаъолияти натиҷабахш ва судмандии кору амалиётҳо истода, нақши калидиро касб намудаанд. Ба мо маълум аст, ки аҳолии фаъоли иқтисодӣ захираҳои меҳнатиро таҷассум менамоянд ва истифодаи самараноки онҳо моро водор менамояд таҳқиқу пажуҳиш намоем.

Муаллифи диссертатсия яке аз мавзуъҳои мубрам ва актуалиро мавриди таҳқиқот қарор додааст, ки муҳтавои автореферат фарогири тамоми паҳлӯҳои асоси кор мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дуруст зикр намудааст, ки рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ бо дарназардошти истифодабарии самаранокии захираҳои меҳанатӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии он, дар қатори дигар омилҳои таъсиррасон, аз бисёр ҷиҳат аз таъминнокӣ бо захираҳои салоҳиятнок вобастагӣ дорад. Маҳз баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун заминаи татбиқи стратегияи рушди иқтидори кадрӣ имконият фароҳам меорад, ки самтҳои дарозмуддати рушди онҳо муайян шаванд, ҳадафҳо аниқ ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо муқаррар гарданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатиро дар самти амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаи устувор мегузоранд.

Бояд зикр намуд, ки дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот, аз ҷумла иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ – мантиқӣ, монографӣ, ҳисобӣ-

конструктивӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода бурда шуданд:

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ пешниҳод гаштаанд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатӣ ин намуди шуғлнокии аҳолӣ истифода гардад.

Хуллас бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз оне, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар қисмати назариявии автореферат асосҳои назариявии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ нокифоя тавзеҳ дода шудааст.
2. Дар автореферат баъзе андешаҳои овардашуда тавзеҳ дода нашудааст ва ҳамзамон хатогиҳои имлогӣ низ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯи ихтисоси ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва**
**инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризокулов Т.Р.**

**Суроғаи донишгох:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1, тел.: (+992) 342223594, e-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, професссор Ризокулов Тӯрақул Рабимкуловичро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпоччоев И. Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС